Бо қарори мушовараи Вазорати
маориф ва илми Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз «_29_»__06__ соли 2016, №__9/41__
тасдиқ шудааст.

# Низомномаи намунавии ҷамъияти илмии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Ҷамъияти илмии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», санадҳои меъёрии аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда, фармоишҳои Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи вазорати мазкур, Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, фармоишҳои ректор ва ноиби ректор оид ба корҳои илмии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, Низомномаи намунавии мазкур, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари соҳаи маориф ва илм ташкил карда мешавад.

2. Ҷамъияти илмии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (минбаъд – Ҷамъият) иттиҳоди илмии донишҷӯён, ҳамчунин ҷавонони муҳаққиқ аз ҷумлаи докторантон аз рӯи ихтисос (аспирантон) ба ҳисоб меравад, ки дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ фаъолона иштирок мекунанд.

3. Ҷамъият фаъолияти худро дар асоси принсипҳои худидоракунӣ ва маданияти муколамаи илмии донишҷӯён ба роҳ мемонад.

4. Ҷамъият корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, илмию ташкилӣ, мутобиқаткунонӣ, илмию нақшавӣ, татбиқӣ ва ғайраро дар ҳамоҳангӣ бо сохторҳои дигари илмии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ мемонад. Дар раванди ташкили кори худ Ҷамъият санадҳо ва тартиби ҳуҷҷатнигории илмии муассисаи таҳсилоти олии касбиро ба асос мегирад.

## II. Мақсад ва ҳадафҳои Ҷамъият

5. Мақсад аз фаъолияти Ҷамъият таъмини шароит барои дарёфтани истеъдодҳо, эҷодкорон ва тарбияи донишҷӯёни ҷавон, нигоҳдорӣ ва таъмини истеъдодҳо, ҳавасмандкунии корҳои кафедраҳо оид ба ташкили корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён, ҳамкорӣ барои баландбардории сифати тайёрии мутахассисони соҳиби таҳсилоти олии касбӣ, вусъатдиҳии ҳамгироии илм ва таҳсилот мебошад.

6. Ҳадафҳои Ҷамъият:

– ривоҷ додани робитаҳои илмии донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

– ташхис ва рушди имконияти илмии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

– ҷалб кардани донишҷӯён барои ба таври ҷиддӣ ва эҷодокорона аз худ кардани маводи таълимӣ бо роҳи иштирок дар корҳои илмию таҳқиқотӣ;

– тарбияи муносибати эҷодии донишҷӯён ба соҳаи худ ба воситаи корҳои таҳқиқотӣ, кӯмак барои беҳтар гардонидани сифатҳои шахсӣ ва касбии мутахассисони оянда;

– вусъат додани завқи донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нисбат ба корҳои таҳқиқотӣ ҳамчун замина барои дастрасӣ ба донишҳои нав;

– паҳнсозии намудҳои гуногуни эҷодиёти илмӣ дар мувофиқа бо принсипҳои илм ва амалия байни донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

– ҷорӣ намудани натиҷаи эҷодиёти илмии донишҷӯён ва муҳаққиқон дар корҳои амалӣ, педагогӣ ва истеҳсолот;

– ҳамкорӣ барои баланд бардоштани нуфузи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

7. Вазифаҳои Ҷамъият:

– дар банақшагирӣ ва амалӣ кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ҳамоҳангсозӣ, илмӣ-лоиҳавӣ ва дигар корҳои донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иштирок мекунад;

– ҳуҷҷатҳои иттилоотӣ-методӣ, меъёрӣ, ташкилию маъмурӣ ва инчунин машваратӣ барои иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, илмӣ-методии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбиро тайёр мекунад, корҳои методӣ ва машваратӣ бо донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мегузаронад;

– чорабиниҳои илмиро барои донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мегузаронад (конференсияҳо, мизи мудаввар, семинарҳо, озмунҳои корҳои илмии донишҷӯён, олимпиадаҳо, мубоҳисаҳо ва ғайра);

– корҳои илмӣ-ташкилӣ ва дастгирии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбиро дар лоиҳаҳо ва корҳои илмӣ, ки мустақилона иҷро карда мешаванд, таъмин мекунад;

– бо ҷамъиятҳои илмии муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар робитаро ба роҳ монда, бо мақсади амалӣ гардонидани лоиҳаҳои муштарак ва ғанӣ сохтани кори ҷамъият бо методҳои нави илмӣ таҷрибаи кории онҳоро меомӯзад;

– барномаҳоеро, ки мақсадашон баланд бардоштани савияи дониши донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аст, тайёр мекунад;

– лоиҳаҳои илмии донишҷӯёнро, ки барои ҳалли проблемаҳои дохилии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ равона шудаанд, дастгирӣ мекунад, ҳамчунин онҳоро барои ворид намудан ба барномаҳои амалии таълимию тарбиявии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод мекунад;

– донишҷӯёнро ба корҳои имлӣ-ташкилӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-лоиҳавӣ ҷалб мекунад;

– донишҷӯёнеро, ки дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмӣ-ташкилӣ фаъолона ширкат меварзанд, барои давом додани таҳсил дар магистратура, докторантура аз рӯи ихтисос (аспирантура) тавсия медиҳад;

– мониторинги талаботҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ширкатҳои берунаро оид ба натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён, омӯзиши бозори лоиҳаҳои илмии донишҷӯён, имкониятҳои молиявӣ ва дигар корҳои илмии донишҷӯёнро, ки дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иҷро карда мешаванд, ба роҳ мемонад;

– иҷрои чорабиниҳои илмиеро, ки из ҷониби кафедраҳо ва дигар воҳидҳои сохтории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба нақша гирифта мешаванд, бо дастгирии иттилоотӣ ва ташкилӣ ба роҳ мемонад;

– донишҷӯёнро барои иштирок дар чорабиниҳои дохилӣ, минтақавӣ, умумиҷумҳуриявӣ ва байналмилалии донишҷӯён, инчунин ташкил ва гузаронидани чунин чорабиниҳо дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷалб мекунад;

– ба донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои омода кардани корҳои илмӣ барои иштирок дар озмунҳои байнидонишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ёрӣ мерасонад;

– манбаъи иттилоотии озмунҳои корҳои илмии донишҷӯён, конфронсҳои илмии донишҷӯён, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ, ҳамчунин фармоишу дархостҳои корхонаҳоеро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбиро дастгирӣ мекунанд, мунтазам таҷдиди назар мекунад;

– корҳои иттилоотии ҷамъият ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯёнро ба роҳ мемонад;

– фаъолияти гуруҳҳои илмӣ ва маҳфилҳои илмии донишҷуёнро, ки дар самти масъалаҳои илмии мушаххас фаъолият мекунанд, ҳамоҳанг месозад;

– маводҳоро барои интернет-портал ва маҷаллаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ омода мекунад;

– низоми робитаҳои ҷамъиятро бо донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, сохторҳои он, аз ҷумла, бо Шӯрои донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ташкилотҳои беруна бо мақсади баланд бардоштани самаранокии корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ташкил мекунад.

**Ш. Сохтори Ҷамъият, вазифаҳои мақомоти роҳбарикунанда ва аъзои он**

7. Воҳидҳои асосии сохтори ҷамъият инҳо ба ҳисоб мераванд:

- ҳамоҳангсози Ҷамъият;
- раиси Ҷамъият;
- Шӯрои Ҷамъият;
- ҷамъиятҳои факултетҳо.

8. Ҳамоҳангсозии Ҷамъиятро сардори раёсат (шуъба)-и корҳои илмии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба зима дорад. Ҳамоҳангсози Ҷамъият:

- дар корҳои илмию ташкилӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-лоиҳавӣ ва фаъолиятҳои дигари Шӯрои Ҷамъият дар асоси Низомномаи мазкур ҳамкорӣ мекунад;
- нақшаҳои ҳармоҳа, солона ва дурнамои Ҷамъиятро тасдиқ мекунад;
- номзадӣ ба раиси Ҷамъиятро барои баррасӣ кардан ба Шӯрои Ҷамъияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниход мекунад;
- ҳуқуқ дорад, ки масъалаи озод кардани раиси Ҷамъият, котиби масъули Шӯрои Ҷамъият, раиси ҷамъияти факултетро дар Шӯрои Ҷамъият гузорад.

9. Раиси Ҷамъият бо пешниҳоди ҳамоҳангсози Ҷамъият бо гирифтани на камтар аз 2/3 овозҳои аъзои Шӯрои ҷамъият интихоб карда мешавад. Муҳлати ваколати раиси Ҷамъият як сол аст.

10. Раиси Ҷамъият уҳдадор аст:

- ҳамкориҳоро дар самти мукаммал кардани шароити зарурӣ барои пешрафти донишҷӯён дар самти илм ба роҳ монад;
- вазифаҳояшро мутобиқи Низомномаи мазкур иҷро кунад;
- кори Шӯрои ҷамъиятро барои тайёр кардани лоиҳаҳои илмӣ ва нақшаҳои кории Ҷамъият роҳнамоӣ созад;
- кори Шӯрои Ҷамъиятро дар тайёр кардани нақша ва ҳисоботҳо оид ба корҳои илми-таҳқиқотии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ роҳбарӣ намояд;

- бо аъзоёни Шӯрои Ҷамъият дар мавзуи фаъолияти Ҷамъият корҳои методӣ ва машваратӣ гузаронад;

- ҷаласаҳои Шӯрои Ҷамъиятро доир намояд;

- кори Ҷамъиятро дар факултетҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ роҳандозӣ ва назорат кунад;

- дар назди Ҳамоҳангсози Ҷамъият ҷиҳати корҳои иҷрошуда ҳар нимсола ҳисобот диҳад;

- бахри иҷрои қарорҳои Шӯрои Ҷамъият назоратро ба роҳ монад;

- ба раёсат (шуъба)-и корҳои илмии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои рушди фаъолияти илми-таҳқиқотии донишҷӯён пешниҳодҳо манзур кунад;

- корҳои иттилоотии Ҷамъиятро назорат кунад.

11. Раиси Ҷамъият ҳуқуқ дорад:

- аз номи Ҷамъият бо сохторхои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, инчунин ширкатҳои беруна дар доираи ҳуқуқҳои худ (бо розигии Ҳамоҳангсози ҷамъият) ҳамкорӣ кунад;

- номзадии котиби масъули Шӯрои Ҷамъиятро барои баррасӣ пешниҳод кунад;

- дар назди Шӯрои Ҷамъияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ масъалаи аз вазифа озод кардани котиби масъули Шӯрои Ҷамъият, раис ва муовини раиси ҷамъияти факултетҳоро гузорад;

- дар ҷаласаҳои кафедраҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, раёсат (шуъба)-и илм, маҳфилҳо ва ғайра, ки дар онҳо масъалаҳои ташкили корҳои илми-таҳқиқотии донишҷӯён баррасӣ мешаванд, иштирок кунад;

- аз роҳбарону кормандони кафедраҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, инчунин аъзоёни Шӯрои Ҷамъият маълумотҳои заруриро оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён талаб намояд.

12. Раиси ҷамъият дар ҳолати иҷро накардани ӯҳдадориҳое, ки ба дӯши ӯ тибқи Низомномаи мазкур вогузор шудаанд, метавонад пеш аз мӯҳлат аз вазифааш озод карда шавад.

13. Раиси Ҷамъият дар ҳолате метавонад аз вазифа озод карда шавад, ки қисми зиёди овозҳо (на камтар аз 2/3)-и аъзоёни Шӯрои Ҷамъият ба ҷонибдории ӯ дода нашаванд.

14. Шӯрои Ҷамъият мақоми олии машваратии Ҷамъият ба ҳисоб меравад.

15. Шӯрои Ҷамъиятро раисон ва муовинони раисони ҷамъияти факултетҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ташкил медиҳанд.

16. Иҷрои қарорҳое, ки аз ҷониби Шӯрои Ҷамъият қабул мешаванд, ба ҳамаи аъзоҳои Ҷамъият ҳатмӣ аст.

17. Ҷаласаи Шӯрои Ҷамъият на камтар аз як маротиба дар як моҳ гузаронида мешавад.

18. Кори Шӯрои Ҷамъиятро раиси Ҷамъият роҳбарӣ мекунад.

19. Шӯрои Ҷамъият бо пешниҳоди раиси Ҷамъият ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани котиби масъули Ҷамъиятро тасдиқ мекунад.

20. Котиби масъули Шӯрои Ҷамъият:

- тайёрӣ ва гузаронидани ҷаласаи Шӯрои Ҷамъиятро таъмин мекунад (аз ҷумла, хабардор кардани аъзоёни Шӯрои Ҷамъият дар бораи мавзуи ҷаласаи Шӯро 3 рӯз қабл аз баргузории ҷаласа);
- протоколи ҷаласаҳои Шӯрои Ҷамъиятро таҳия карда, дар муддати 3 рӯз ба суроғаи электронии аъзоёни Шӯрои Ҷамъият ирсол мекунад;
- иҷрои корҳои иттилоотии Шӯрои Ҷамъиятро таъмин мекунад.

21. Шӯрои Ҷамъият бояд:

- фаъолияти умумии роҳбарии Ҷамъиятро ба роҳ монад;
- стратегияи рушди Ҷамъиятро таҳия кунад;
- оид ба ҳолат ва пешравиҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ маводҳои таҳлилӣ тайёр кунад (ҳисобот, патентҳо, мақолаҳо ва ғайра);
- накшаҳои, ҳармоҳа, нимсола ва солонаи Ҷамъият ва тартиби кори Шӯрои Ҷамъиятро таҳия ва пешниҳод намояд;
- корҳои иттилоотиро таъмин кунад;
- низоми алоқаи Шӯрои Ҷамъиятро бо донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъмин намояд.

22. Шӯрои Ҷамъият ҳуқуқ дорад:

- сардори раёсати (шуъбаи) корҳои илмии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, инчунин роҳбарони кафедраҳо, факултетҳо ва сохторҳои илмии муассисаи таҳсилоти олии касбиро, ки барои ташкили корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён масъулият доранд, барои баррасии масъалаҳо даъват кунад.

23. Ҷамъияти факултет яке аз сохторҳои аввалини Ҷамъияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад:

– Ҷамъияти факултетро раис ва муовини раис роҳбарӣ мекунанд;

– раиси Ҷамъияти факултет дар маҷлиси ҳарсолаи Ҷамъияти факултет то 1 октябр интихоб карда мешавад;

– бо ташабуси ҳамоҳангсози Ҷамъияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, раиси Ҷамъияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, раис ва муовини раиси Ҷамъияти факултет ё ин ки аз 1/3 ҳиссаи аъзоёни Ҷамъияти факултет маҷлиси умумии Ҷамъияти факултет на камтар аз 1 маротиба дар соли таҳсил гузаронида мешавад;

– мачлиси умумии Ҷамъияти факултет дар мавриди иштироки 2/3 ҳиссаи ҳайати аъзоёни Ҷамъияти факултет салоҳиятдор ҳисобида мешавад. Ҳамаи қарорҳо оид ба масъалахои баррасишаванда аз тарафи маҷлиси умумии Ҷамъияти факултет ба воситаи қисми зиёди овозҳои донишҷӯёни ҳузурдоштаи факултет қабул карда мешаванд.

24. Маҷлиси умумии Ҷамъияти факултет уҳдадор аст:

- раис ва муовини раиси Ҷамъияти факултетро интихоб кунад, сохтори Ҷамъияти факултетро, ки аз тарафи раиси Ҷамъияти факултет пешниҳод шудааст, тасдиқ кунад;

-ҳисоботхои кории Ҷамъияти факултетро шунида, тасдиқ кунад;

-масъалаҳои дигареро, ки бо фаъолияти Ҷамъияти факултет алоқамандӣ дорадн, ҳал намояд.

25. Маҷлиси умумии Ҷамъияти факултет ҳуқуқи пешниҳод кардани масъалаи аз вазифа озод кардани раис ва муовини раиси Ҷамъияти факултетро дар назди Шӯрои Ҷамъияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дорад.

26. Раиси Ҷамъияти факултет номзадии муовини раис ва сохтори Ҷамъияти факултетро барои тасдиқ кардан ба маҷлиси умумии Ҷамъияти факултет пешниҳод мекунад.

27. Муҳлати ваколати раис ва муовини раиси Ҷамъияти факултет як сол мебошад.

28. Раис ва муовини раиси Ҷамъияти факултет аъзои Шӯрои Ҷамъияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошанд.

29. Раис ва муовини раиси Ҷамъияти факултет масъули сифати чорабиниҳои Ҷамъияти факултет мебошанд.

30. Раиси Ҷамъияти факултет:

- нақшаҳои солона, нимсола, ҳармоҳаи Шӯрои Ҷамъият ва тартиби фаъолияти Ҷамъияти факултетро барои тасдиқ тайёр ва пешниҳод мекунад;

- кори Ҷамъияти факултетро идора мекунад;

- барои фаъолияти Ҷамъияти факултет ҳуҷҷатҳои лозимаро тайёр ва таъмин мекунад;

- дар маҷлиси умумии Ҷамъияти факултет ҳисоботи кори Ҷамъияти факултетро пешниҳод мекунад;

- қарорҳои Шӯрои Ҷамъияти муассисаи таҳсилоти олии касбиро иҷро намуда, дар ҷаласаҳои Шӯро иштирок мекунад.

31. Раиси Ҷамъияти факултет ҳуқуқ дорад:

- аъзоёни Ҷамъияти факултетро аз вазифаҳое, ки бо сохтори Ҷамъияти факултет муайян шудаанд, таъин ва озод кунад;

- ба аъзоёни Ҷамъияти факултет оид ба масъалаҳои ба масъулияташон дохилбуда супориш диҳад;

- дар назди маҷлиси умумии Ҷамъияти факултет масъалаи аз вазифа озод кардани муовини раиси Ҷамъияти факултет ё хориҷ кардани дилхоҳ аъзои Ҷамъияти факултетро аз ҳайати он гузорад.

32. Дар мавриди иҷро нагаштани вазифаҳои раиси Ҷамъияти факултет онҳоро муовини раиси Ҷамъияти факултет ё иҷрокунандаи вазифаи раиси Ҷамъияти факултет, ки дар маҷлиси умумии Ҷамъияти факултет интихоб шудааст, иҷро мекунад.

33. Аъзои Ҷамъияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ:

– донишҷӯ ё докторант аз рӯи ихтисос (аспирант)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ новобаста аз ихтисос, курс ва шакли таҳсил, ки ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғул аст ва дигар хоҳишмандон метавонанд азои Ҷамъият шаванд;

– асоси аъзогӣ дар Ҷамъият ин аризаи хаттӣ оид ба дохилшавӣ ба Ҷамъият ба номи раиси Ҷамъияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад;

– дар асоси аризаи мазкур иттилоот дар бораи донишҷӯ, докторант аз рӯи ихтисос (аспирант) бо тартиби амалкунанда ба манбаъи ягонаи ахбор оид ба аъзоёни Ҷамъият дохил карда мешавад;

– корти шахсии ҳар як аъзои Ҷамъият бо иттилооти дастовардҳояш дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, илмии нақшавӣ ва ғайра пур карда мешавад.

34. Низоми пардохти ҳаққи аъзогӣ ба Ҷамъият дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ манъ аст.

34. Аъзоёни Ҷамъият ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар доранд. Аъзоёни Ҷамъият ҳуқуқ доранд:

- ба мақомотҳои идоракунии Ҷамъият интихоб кунанд ё интихоб шаванд;

- сари вақт иттилоот оид ба чорабиниҳои Ҷамъиятро дастрас кунанд;

- ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, илмию ташкилӣ, илмӣ-лоиҳавӣ ва ғайра, ки дар нақшаи кории Ҷамъият пешбинӣ шудаанд, машғул шаванд;

- натиҷаҳои корҳои илмии худро барои нашр пешниҳод кунанд;

- барои баррасӣ ба раиси Ҷамъияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё Ҷамъияти факултет оид ба ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳодҳо кунанд;

- аз ҳайати Ҷамъият бо хоҳиши худ дар асоси аризаи хаттӣ бароянд.

35. Аъзоёни Ҷамъият бояд:

- бо Низомномаи мазкур шинос шуда, онро риоя кунанд;
- дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-лоиҳавӣ ва ғайра, ки дар нақшаи кории Ҷамъият пешбинӣ шудааст, иштирок кунанд;
- хулосаҳоеро, ки Шӯрои Ҷамъият қабул кардааст, иҷро кунанд;
- ба корҳое, ки ба Ҷамъияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё Ҷамъияти факултет зарар меоранд, роҳ надиҳанд.

36. Аъзои Ҷамъияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё Ҷамъияти факултет аз ҳайати Ҷамъият дар сурати риоя накардани Низомномаи мазкур дар маҷлиси умумии аъзоёни Ҷамъияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё Ҷамъияти факултет бо қарори қисми зиёди аъзоёни Ҷамъияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё Ҷамъияти факултет баровардa мешаванд.

## 1У. Ҳамкориҳои Ҷамъият

37. Ҷамъият оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён бо тамоми сохторҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, факултет ва кафедраҳо, инчунин бо Шӯрои донишҷӯёни муассиса ҳамкориро ба роҳ мемонад.

38. Ҷамъият бо ташкилот ва бунёдҳои илмию инноватсионии миллӣ ва байналмилалӣ тавассути раёсат (шуъба)-и илми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамкориро ба роҳ мемонад.

## У. Масъулияти Ҷамъият

39. Ҳамаи аъзои Ҷамъият ва мақомоти роҳбарикунандаи он барои иҷрои вазифаҳои худ, ки бо Низомномаи мазкур муайян шудаанд, шахсан масъул ҳастанд.

## У1. Маблағгузории Ҷамъият

40. Маблағгузории Ҷамъият аз ҳисоби маблағҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва дигар сарчашмаҳо, ки тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нашудаанд, сурат мегирад.

## VII. Тартиби ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Низомномаи Ҷамъияти илмии донишҷӯён

41. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи Ҷамъияти илмии донишҷӯён бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ворид карда шуда, аз ҷониби ректор тасдиқ карда мешаванд.